# ХУЛОСАИ

**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз
16 сентябри соли 2023, таҳти №32.

Бораи сазовор донистани Муқимов Сафарбек Давлатбекович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиноси.

Диссертатсияи Муқимов Сафарбек Давлатбековичро дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломати тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар таърихи 21.06.2023 сол, суратмаҷлиси №30 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-H назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Муқимов Сафарбек Давлатбекович 28-уми августа соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2009 ба шуъбаи рӯзонаи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2013 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Аз соли 2018 то ба ҳол ба ҳайси ассистента кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар н. Рашт фаъолият намуда, аз соли 2020 то 2023 унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Сафарзода Анвар Ислом -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянин Россия - Тоҷикистон;

**Сафарзода Ҳаёт Сайдамир -** н.и.ҳ., дотсент, профессори кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Гайратов Т.М. омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Алиев Ф.Ш. ва котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Ҷабборов Ф.Н. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Х.Х. санаи 22.08.2023 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1. Муқимов, С.Д. Баъзе масоили инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ [Матн] / Д.С. Муқимов, А.И. Сафарзода // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №1(45). – С. 108-117; ISSN 2410-2903.

2. Муқимов, С.Д. Низоми ҷазо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.С. Муқимов, З.Х. Зокирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 5. – С. 218-225; ISSN 2413-5151.

3. Муқимов, С.Д. Масъалаҳои асосии мақсади ҷазо дар сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.С. Муқимов, З.Х. Зокирзода, И.И. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №6. – С. 218-225; ISSN 2413-5151.

4. Муқимов, С.Д. Баъзе масъалаҳои объекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ [Матн] / Д.С. Муқимов, З.Х. Зокирзода // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №9. – С. 218-225; ISSN 2413-5151.

5. Муқимов, С.Д. Предмети қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ [Матн] / Д.С. Муқимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. (Маҷаллаи илмӣ-амалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ). – Душанбе, 2023. – №1 (29). – С. 235-248; ISSN 2414-9217.

6. Муқимов, С.Д. Субъекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ [Матн] / Д.С. Муқимов // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2023. – №2 (50). – С. 131–134; ISSN 2410-2903.

7. Муқимов, С.Д. Аломатҳои вазнинкунандаи қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ [Матн] / Д.С. Муқимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. (Маҷаллаи илмӣ-амалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ). – Душанбе, 2023. – №1 (29). – С. 216-234; ISSN 2414-9217.

8. Муқимов, С.Д. Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷи дур [Матн] / С.Д. Муқимов // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба таҷлили 30-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Рушди илмҳои башардӯстӣ (гуманитарӣ) дар 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (04. 09 2021). – Рашт, 2022. – С. 208-219.

9. Муқимов, С.Д. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ [Матн] / С.Д. Муқимов // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯён бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» (18-23 апрели соли 2022). – Рашт, 2022. – С. 19-21.

10. Муқимов, С.Д. Низоми ҷазо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / С.Д. Муқимов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – №1 (5). – С. 93-97.

11. Муқимов, С.Д. Зӯроварӣ – омили асосии барҳамхӯрии оилаҳо дар ҷомеаи имрӯза [Матн] / С.Д. Муқимов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – №2 (6). – С. 141–144.

12. Муқимов, С.Д. Пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо аз тарафи намояндагони иттиҳодияҳои ғайрирасмӣ [Матн] / С.Д. Муқимов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2019. – №1 (1). – С. 89-96.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Сангинзода Д.Ш.** – муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Тағозода А.С.** – Судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Оралбаев Ҳ.Ҳ.** – муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан ба масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла, оид ба консепсия, барнома ва стратегияҳои давлатӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, тамоюли камшавӣ ва зиёдшавии омори ин намуди ҷиноят дар баъзе солҳо, назари олимони ватани оид ба масъалаи баррасишаванда ва қисмати тавсиявии таҳқиқоти диссертатсионро фаро мегиранд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқарраротӣ бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:**

– таърихи ташаккули қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатиро мавриди омӯзиш қарор дода шуд;

– таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ гузаронида шуда, монандӣ ва фарқияти онҳо муайян карда шуд;

– объект ва предмети ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ баррасӣ гардида, муайян карда шуд;

– тарафи объективии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт;

– субъект ва тарафи субъективии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ баррасӣ гардида, муайян карда шуданд;

– омӯзиши омори расмӣ, таҷрибаи судӣ ва ошкор сохтани мушкилиҳои татбиқи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ вобаста ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ баррасӣ карда шуданд;

– тавсияҳо барои ҳалли мушкилоти қонунгузор, назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда пешниҳод карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада мумкин аст барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти ҳифзи саломатии инсон ва ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба саломатӣ истифода карда шаванд. Таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин, дар

курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фанни «Асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ» истифода шавад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, ба монанди: усулҳои диалектика, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ.

Ҳамчунин, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии таҳқиқотро пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ба мисли У.А. Азиззода, А.М. Ахвердов, Е.В. Безручко, И.Х. Бобоҷонзода, С.В. Бородин, А.С. Гудимов, Л.И. Гуревич, Т.Г. Даурова, П.А. Дубоветс, Н.И. Загородников, З.Х. Зокирзода, З.А. Камолов, В.С. Коновалов, Ф.А. Мирзоахмедов, Ф.Р. Муродзода, М.А. Нажбудинов, А.С. Никифоров, Н.С. Одиназода, С.В. Расторопов, Ш.С. Рашковская, Ғ.С. Сатторов, А.И. Сафарзода, Б.Н. Титов, Е.Н. Тихонов, Ш.Л. Холиқзода, Ф.Ф. Хоҷазода, С.Ҳ. Ҳусензода, М.Д. Шаргородский, М.М. Шарипов, Т.Ш. Шарипов ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатиро ҷамъбаст ва густариш медиҳад. Гузашта аз ин, муқарраротӣ назариявии таҳияшуда ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломат аз ҷониби дигар муҳаққиқон истифода шуда метавонад. Таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, дар баробари ин баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ёрӣ расонад. Хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф метавонанд оид ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҳифзи саломатӣ ҳангоми татбиқи м. 111 КҶ ҶТ дар амалия оид ба ошкор, таҳқиқ ва таснифоти ҷинояти мазкур мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонад дар раванди пешгирии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ва интихоб намудани чораҳои мубориза ба он мусоидат намоянд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқшиносӣ – ҳуқуқи ҷиноятӣ, асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо ва криминология истифода шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои он, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо қонунгузории кишварҳои хориҷӣ оид ба ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар оид ба масъалаи мазкур асос мёёбад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 16-уми сентябри соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Муқимов Сафарбек Давлатбекович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 12 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 12 нафар, муқобил – нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раисикунанда, муовини раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**16-уми сентябри соли 2023**